*«Пионери Тоҷикистон»,*
*14 июни 1964.*

*Ин китобро хонед*

**“Лола”**

Чунин ҳикмате аз қадим боз машҳур аст: «Агар азми сафар намоӣ, китобе ҳамроҳи худ бигир, зеро аз он беҳтар ҳамсафаре нест».

Бачаҳои азиз, ҳоло, ки соли таҳсил гузашта, айёми таътил расидааст, асарҳои гуногуни бадеиро бофароғат мутолиа кардан мумкин аст. Баъди сайру гашти саҳроҳои сарсабз ва ё тамошои кӯҳсори дилфиреб дар хаймаҳои лагери пионерӣ, ё соҳили дарёчаҳо ва ё канори чашмасорон бо рафиқону дӯстон ҷамъ шуда кас китобу шеърхонӣ кунад, чӣ гуна лаззате мебахшад!

Барои шумо, мактаббачагон, Нашриёти давлатии Тоҷикистон як қатор китобҳои пурмазмун ва хушрӯю зеборо аз чоп баровард, ки «Лола»-и Акбар Қодирӣ аз ҷумлаи онҳост.

«Лола»  якумин китобчаи шоири ҷавон Акбар Қодирӣ буда 14 шеъри ӯро дарбар мегирад. Шоир дар ашъори худ манзараҳои мафтункунандаи Тоҷикистони азизамонро тараннум мекунад, ахлоқи неку рафтори хуби бачагонро меситояд, хислатҳои ношоистаи баъзе бачагонро бо тарзҳои гуногун фош менамояд ва роҳҳои ислоҳ шудани онҳоро нишон медихад.

Маҷмӯаи «Лола» бо шеъри «Ба мактаб» оғоз меёбад. Шоир хурсандию шодии бепоёни Мутрибаи акнун ба мактаб рафтаистодаро хеле хуб тасвир менамояд;

*«...Зочаи хушрӯи ман,*

*Хайр кунун, нағз мон!*
*Мешавам ин субҳдам*
*Сӯи дабистон равон»…*

Қалби Мутриба аз фараҳ лабрез аст; ӯ бо боғча, мураббияҳо, зочаҳо ва кучукчаи зебои худ Хайбар хайрухуш карда, ба мактаб меравад. Ӯ акнун толиба!

Шеъри «Лола» ҳам аз ашъори беҳтарини маҷмӯа ҳисоб меёбад. Лола ҳанӯз хурд аст ва ба мактаб намеравад, зочабозӣ мекунад. Ӯ зочаи худро хобонданӣ шуда, басе алла мегуяд, аммо:

«...*Зочаи гапнодаро*
*Лек чӣ шуд, ки нахуфт!*
……………………..
……………………..
*Зоча нахуфта ҳанӯз,*
*Лолаи мо хоб кард*».

Аз камари кӯҳҳо ва аз зери харсангҳо ҷӯйчаҳои хурдакак ҷорӣ мешаванд. Он ҷӯйчаҳои хурд ба ҳам пайваста, ба ҷӯи калон, ҷӯйҳо ба наҳрҳо ва наҳрҳо бошанд, ба баҳрҳо табдил меёбанд. Ҳаёти одамӣ ҳам чунин аст. Муштчаҳои нозуку латифи кӯдакон тадриҷан ба муштҳои пурзарби паҳлавонон бадал мешаванд, аз завракчаҳои хурдакаки онон киштиҳон пуриқтидори уқёнуснавард ба вуҷуд меоянд… Барои ин устуворонаю бебокона қадам бояд гузошт!... Ана ҳамин маъниро шоир дар таронаи «Киштичаи ман» ин тариқа ифода кардааст:

*«Киштичаи ман,*
*Бо ғайрати беш,*

*Киштичаи ман.*
*Аз боду борон*
*Нагашта тарсон.*
*Равӣ агар пеш,*

*Ин ҷӯчаи хурд,*
*Хоҳад туро бурд.*
*Ба наҳри калон,*
*Ба баҳри калон.*

Китоб суратҳои хуб дорад. Рассом В. Чечётка мувофиқи мазмуни шеърҳо расмҳои аҷоибу дилкаш кашидааст.

«Лола» - гулчини хубест аз ашъори шоири ҷавон Акбар Кодирӣ.

Аз шоир асарҳои нави баландмазмуну олиғоя умедворем.

Ба шумо, хонандагони азиз, тавсия медиҳем, ки албатта «Лола»-ро гирифта хонед.

***Раҳим* МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
***аспиранти***
***Университети Давлатии Тоҷикистон***